**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ).**

*16 апрели соли 2024* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Рауфӣ А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Нидоев Н.Ф., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, Қодирова З.Ҳ., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ғаюрова Рано Саидмуродовна **хулосаи** зеринро қабул намуд:

***I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ***

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Ғаюрова Рано Саидмуродовна ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Ғаюрова Рано Саидмуродовна, 7-уми январи соли 1978 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2000 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти гумрукӣ бо тахассуси менеҷери фаъолияти гумрук хатм кардааст.

Солҳои 2004-2008 ҳамчун ассистенти кафедраи экспертизаи молҳо ва фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз соли 2008 инҷониб ҳамчун муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзӯи диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 12 марти соли 2019, протоколи № 9 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабова Нурҳаёт Раҷабовна – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст. Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 (аъло), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

***II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ***

Диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзуи “Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ), ки аз рӯйи он ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 23 кори илмӣ, аз он ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

***IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ***

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи

шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия тавсия менамояд:*

1. Диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 – Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 марти 2024, № 10/ҳя дар бораи ташкили ҳимояи якдаъфаина ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:
   - Каримова Мавзуна Темуровна – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии Тоҷикистон;
   - Шоҳназари Хуҷаназари Ғуломзода – номзади илмҳои иқтисодӣ, сарнозири раёсати ташкили назорати гумруки Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.
3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъин карда шавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
6. Рӯихати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор — Рауфӣ А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., дотсент — Нидоев Н.Ф.

д.и.и., дотсент — Қодирова З.Ҳ.